**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Рисолаи илмии Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Истиқлолияти комили сиёсӣ дар кишвари мо шароити созгор фароҳам овард, ки қонунгузории миллӣ рушд карда, барои танзим ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ санадҳо меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардад. Аз ин рӯ, давра ба давра, дар мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми қонунгузори мамлакат қабул гардиданд, ки нисбат ба қонунҳои соҳавии солҳои қаблӣ

бартариятҳои зиёдро соҳиб буда, дар шароити нав мутобиқ ба талаботи замон маҳсуб меёбанд. Маҳз Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда дар таърихи қонунгузории ватанӣ пешгирии ҷиноятҳоро яке аз вазифаҳои асосии худ ном бурдааст (қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ). Ҳамчунин, пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мақсади қонунгузорӣ оид ба ичрои ҷазои ҷиноятӣ эълон шудааст (қ. 1 м. 3 КИҶҶ ҶТ).

Бояд иброз намуд, ки нақши муҳимро дар ҳалли бомуваффақияти масъалаҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар ҳамон меъёрҳои ҳуқуқие мебозанд, ки ҷавобгариро барои кирдорҳои қасдонае пешбинӣ менамоянд, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони дигар шароити мусоид фароҳам меоваранд. Дар таърих ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин меъёрҳо, чун анъана, дар доираи мафҳуми умумии дахлдорӣ ба ҷиноят муттаҳид карда мешудаанд.

Ҳамчунин, бояд иброз намуд, ки дар замони муосир ҳангоми криминализатсияи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, дахлдорӣ ба ҷиноят наҷандон дуруст ба инобат гирифта шуда, ҳамчун категорияи «нимфаромӯшшуда»-и ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мондааст. Ин дар ҳолест, ки масъалаҳо оид ба рафъи сабабу шароите, ки барои содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат мекунанд, таносуби таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят, ҷудо кардани зуҳуроти ҳуқуқӣ-ҷиноятии баррасишаванда аз шарикӣ дар ҷиноят ва г. ҳоло ҳам рӯзмарра мебошанд.

Ин ва дигар камбудиҳои зикргардидаи қонунгузории ҷиноятӣ боиси хатоиҳои банду басти ҳуқуқии кирдори содиршуда мегарданд.

Аз лиҳози дигар, такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба дахлдорӣ ба ҷиноят, пешбинӣ намудани дурнамои инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ дар ин самт, бартараф намудани мушкилиҳои амалияи судӣ бидуни ба роҳ мондани таҳқиқотҳои мукаммали илмӣ ғайриимкон мебошад, ки мубрамияти мавзуи интихобкардаи муаллиф ҳам дар ҳамин ифодаи худро меёбад.

Рисолаи илмии Хочазода Ф.Ф. аз руйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дарачаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натичаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтори диссертатсия ва дигар масъалаҳо пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ – «Пайдоиш ва ташаккули институти дахлдорӣ ба чиноят»** аз се зербоб иборат буда, дар он таҳлили таърихи рушди ниҳоди мавриди назар дар қаламрави таърихии Точикистон, вазъи дахлдори ба чиноят дар кишварҳои хоричӣ, инчунин мафҳуми дахлдорӣ ба чиноят дар ҳуқуқи чиноятии муосир таҳқиқ мегарданд. **Дар зербоби якум «Таърихи пайдоиш ва ташаккули институти дахлдорӣ ба чиноят дар ҳуқуқи чиноятии Точикистон»** таҳлили таърихии институти мавриди назар гузаронида шуда, давраҳои асосии рушди инстититути мазкур нишон дода шудаанд. **Дар зербоби дуюм «Дахлдорӣ ба чиноят дар ҳуқуқи чиноятии кишварҳои хоричӣ»** қайд мегардад, ки дар қонунгузории муосири хоричӣ мафҳуми дахлдори ба чиноят оварда намешавад. Ҳамзамон, дар Қисмҳои умумии кодексҳои чиноятии баъзе давлатҳои аъзои ИДМ ва Балтия таърифи баъзе аз мафҳумҳои кирдорҳои ғайриқонунии ба институти дахлдорӣ ба чиноят иртиботдошта оварда шудааст, ба монанди: «пинҳон доштан» ва «хабар надодан». **Дар зербоби сеюм «Мафҳуми дахлдорӣ ба чиноят дар ҳуқуқи чиноятии муосир»** муаллиф қайд менамояд, ки КЧ ЧТ истилоҳи «дахл доштан»-ро истифода намебарад. Дар ин зербоб муаллиф иброз медорад, ки дахлдорӣ ба чиноят – ин шакли мустақили фаъолияти чиноятӣ мебошад. Он аз

шарикӣ фарқ мекунад ва як қатор лаҳзаҳоеро дар мегирад, ки барои муттаҳид намудани пинҳон доштан, хабар надодан ва саҳлангориро ба як мафҳуми томи дахлдорӣ ба ҷиноят имкон медиҳад.

**Боби дуюм «Дахлдорӣ ба ҷиноятҳое, ки бо пинҳон доштан аз адолати судӣ алоқаманд мебошанд»** аз се зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум «Асоси объективии принсипи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон доштани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин»** ном дошта, дар он масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои пешакӣ ваъданашуда баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон ба андешаи муаллиф таркиби ҷиноятҳои ҷиноятҳои дар дар боби 32-и КҶ ҶТ пешбинӣгардида аз ҷумла ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 346, қ. 2 м. 348, м. 349, қ. 2 м. 351, м. 352, м. 353, м. 354,қ. 3 м. 359, м. 360, м. 363 КҶ ҶТ бояд ҳамчун намудҳои махсуси пинҳонкунӣ дониста шаванд, яъне дар ҳолати мазкур қайд кардан дар бораи мавҷуд будани рақобат байни меъёрҳои умумӣ ва махсус, ба фикри муаллифи қобили қабул намебошад, зеро бо хислатҳои худ ҳамчун шаклҳои пинҳонкунии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин баромад мекунанд. **Дар зербоби дуюм «Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ҳамчун дахлдорӣ ба ҷиноят»**, қайд карда мешавад, ки бо мақсади дақиқ ба мувофиқа овардани қонунгузории ватанӣ оид ба мубориза бар зидди расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қаринаи проблемаи мавриди баррасӣ қарордошта танҳо истилоҳи «расмикунонӣ» истифода бурда шавад. Зеро дар қонунгузорӣ дарки гуногуни як мафҳум, аз як тараф, қобили қабул нест, аз тарафи дигар, татбиққунандаи ҳуқуқро ба гумроҳӣ меандозад, ҳамзамон барои ба ҳаракат омадани хатоии дар таҷрибаи банду баст шароит фароҳам меоварад. **Зербоби сеюм «Таҳлили иҷтимоӣ-ҳуқуқии соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст ва мавқеи он дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ»** қайд мегардад, ки яке аз намудҳои дахдорӣ ба ҷиноятe, ки

меъёри он барои ҷавобгарӣ таъсири махсуси пешгирикунанда дорад, соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки қаблан ваъдадоданашудае, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст мебошад. Кирдори мазкур нисбат ба расмикунонии даромадҳои ҷиноятӣ, ба қонунгузории ватанӣ дер боз маълум аст.

**Боби 3 рисолаи илмӣ «Намудҳои дахлдорӣ ба ҷиноят, ки бо наандешидани чораҳои пешгирии он алоқамананд» номгузорӣ гардидааст. Дар зербоби якум «Хабар надодан дар бораи ҷиноят ва ҷинояткор»** қайд мегардад, ки хабар надодан дар бораи ҷиноятҳо яке аз падидаҳои муносибати бепарвоёна ба ҷиноятҳо мебошад. Бинобар ин ҷавобгарии дар қонун пешбинигардида барои хабар надодан воситаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо ҷинояткорӣ аст. **Зербоби дуюм «Масъалаҳои танзими қонунгузорӣ ва банду басти саҳлангорӣ ба ҷиноят»** қайд мегардад, ки мафҳуми қонунгузории «саҳлангорӣ ба ҷиноят» мавҷуд нест. Дар баробари ин, дар м. 319 КҶ ҶТ «гирифтани пора» ибораи «саҳлангорӣ дар хизмат» истифода бурда мешавад. Зери мафҳуми саҳлангорӣ ба ҷиноят наандешидани чораҳои пешакӣ ваъданашуда оид ба пешгирии омодашавӣ ё содир шудани ҷинояти баръало маълум дар ҳолатҳое фаҳмида шавад, вақте ки шахс бояд ва метавонист чораҳои дахлдорро андешад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти мазкур муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Таҳқиқоти Хоҷазода Ф.Ф. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба забони давлатӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти дахлдорӣ ба ҷиноят мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Пажуҳиши диссертатсионӣ натанҳо ба мушкилоти муосири марбут ба институти

зикршуда дар конунгузории ҷиноятӣ равона шудааст, балки аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули институти фавқуззикр оғоз гардида, бо пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти конунгузории ҷиноятӣ, хусусан меъёрхо вобаста ба дахлдорӣ ба ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарҷом расидааст.

Рисоланавис вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда. ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, конунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят, инчунин, аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноятро ифода менамоянд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад:

- навгониҳои хусусияти назариявидошта, яъне дар рисола давраҳои ташаккул ва инкишофи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар таърихи конунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, махсусияти ҳар яке аз давраҳо муайян гардида, муаллиф бо васта ба пайдоиш ва рушди институти мазкур андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамчунин, дар заминаи ин, муаллиф табиати ҳуқуқии институти дахлдорӣ ба ҷиноятро муайян карда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии институти мазкурро дар мамлакатҳои хориҷа мавриди таҳлил қарор дода, мафҳуми дахлдорӣ ба ҷиноятро пешниҳод месозад.

- навгониҳое, ки ба такмили конунгузорӣ равона гардидаанд, яъне дар заминаи ин диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро

бахри таҷдиди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

- навгониҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, яъне он таклифу пешниҳодҳои асосноки илмӣ, ки аз таҳлили таҷрибаи судӣ ба миён омадаанд ва дар самти бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар амалияи судӣ кумак мерасонанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, табиати ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба институти мазкур, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Хоҷазода Ф.Ф. аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба институти дахлдорӣ ба ҷиноят мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули институти мазкур, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар Кодекси ҷиноятии ҶТ муайян гардад.

Маврид ба тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмию пешниҳодҳои амалии дар он инъикосгардида, метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «ҳуқуқи ҷиноятӣ», «ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «асосҳои умумии таъини ҷазо» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар алоқамандӣ бо мавзуи таҳқиқшаванда дар маҷмӯъ 9 маводи чопӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маводи илмӣ дар дигар маҷаллаҳои даврӣ, ба чоп расонида шудааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Хоҷазода Ф.Ф. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин, баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Унвонҷӯ дар банди 1 нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, таърихи қонунгузории ҷиноятии замони Шуравиро, бо назардошти хусусиятҳои ба худ хоси ҳалии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят, метавон ба се марҳилаи асосӣ ҷудо кард: 1) марҳилаи интишори декретҳо, қарорҳо ва дастурамалҳо то қабули аввалин Кодекси ҷиноятии Шуравӣ (КҶ РСФСР соли 1922); 2) марҳилаи аз қабули КҶ РСФСР соли 1922 то қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ 25 декабри соли 1958; 3) марҳилаи аз қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ 25 декабри соли 1958 то қабул шудани КҶ ҶТ 21 майи соли 1998.

Эроди якум дар масъалаи он аст, ки сабаб дар чи бошад, ки муаллиф ҳангоми навиштани риисолаи илмӣ вобаста ба ҷанбаҳои таърихии мавзуъ танҳо ба қонунгузории замони Шуравӣ назар кардааст, ҳарчанд

аз пештар низ дар сарзамини тоҷикон қонунгузории ҷиноятӣ амал мекард. Агар чунин анъана идома ёбад, шояд мо аз таърихи гузаштаи пеш аз шуравии худ, дар самти конунгузории ҷиноятӣ ноогоҳ монем.

2. Эроди дуюми мо дар хусуси молу мулки қаблан ваъдадоданашудае мебошад, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки "Яке аз намудҳои дахлдорӣ ба ҷиноятe, ки меъёри он барои ҷавобгарӣ таъсири махсуси пешгирикунанда дорад, соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки қаблан ваъдадоданашудае мебошад, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст. (С. 150). Аз ин лиҳоз мехостам фаҳмам, ки рисоланавис чи гуна пешниҳод дорад дар ин самт.

3. Унвонҷу дар натиҷаи таҳлили зербоби 1 (Хабар надодан дар бораи ҷиноят ва ҷинояткор) Боби 3 (Намудҳои дахлдорӣ ба ҷиноят, ки бо наандешидани чораҳои пешгирии он алоқаманданд) таҳқиқоти диссертатсионӣ ба хулоса омадааст, ки мафҳуми "хабар надодан дар бораи ҷиноят" бояд ба маънои васеаш, бидуни маҳдудшавӣ бо хабар надодан дар бораи худи ҳодисаи содиршавии ҷиноят, шахс онро содиркарда ва макони ҷойгиршавияш тафсир карда шавад (С.188). Хуб мешуд, ки агар унвонҷу ин мафҳумро пурратар шарҳу тавзеҳ медод.

Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пурраги баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Хоҷазода Ф.Ф. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Ба андешаи мо рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Бояд иброз дошт, ки сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар чорабиниҳои илмию амалӣ саҳми шахсии рисоланависро тасдиқ менамоянд.

Аз таҳлили рисолаи илмии Хоҷазода Ф.Ф. мо ба чунин хулоса омадем, ки он ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон** **В.А. Абдуҳамитов**

**Имзои Абдухамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон** **А.А. Раҳимов**

Суроғаи муқарриз:
734025, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37 221-35-50; Факс (992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: p.rektora@mail.ru

**«21» феврал 2023 с.**